# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Шимшун, марди тавонои Худо

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Lyn Doerksen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Чандин солҳо пеш дар замини Исроил марде бо номи Монӯаҳ зиндагӣ мекард. Ӯву занаш фарзанд надоштанд. Рӯзе фариштаи Худованд ба назди зани Монӯаҳ омада гуфт: “Ту кӯдаки махсус ба дунё меорӣ”.



Зан ин хабари хушро ба шавҳараш расонд. Монӯаҳ чунин дуо кард: “Эй Худованди ман... боз ба наздамон биё. Ба мо ёд деҳ, ки барои кӯдак чӣ кор кунем”.





Фаришта ба Монӯаҳ гуфт, ки кӯдак ягон вақт мӯйи сарашро нагирад, шароб нанӯшад ва баъзе хӯрокҳоро нахӯрад. Худо ин кӯдакро барои довар шудан интихоб кардааст. Ӯ исроилиёнро роҳбарӣ хоҳад кард.





Халқи Худо бегуфтугӯ мӯҳтоҷи ёрӣ буданд. Онҳо Худоро аз ҳаёташон дур сохтанд ва баъд душманонашон, фалиштиён онҳоро ба ҳарос оварданд. Аммо вақте ки онҳо дуо карданд, Худо онҳоро шунид. Ӯ ин кӯдакро, ки марди боқувваттарини олам хоҳад шуд, ба дунё фиристод.



Ҳамин тавр зан писаре таваллуд кард ва номашро Шимшун гузошт.  Кӯдак калон шуд ва Худо вайро баракат дод.  Рӯҳи Худо бар ӯ кор карданро сар кард. Шимшун хеле боқувват шуд.  Як рӯз вай бо дастони лучаш бо шери ҷавон ҷанг карда, вайро кушт.





Дертар Шимшун аз оилаи занбӯрҳо, ки дар ҷисми мурдаи шер хона монда буд, асал хӯрд. Баъд ӯ чистоне баровард: “Аз хӯранда, хӯрданӣ баромад ва аз боқувват ширинӣ”.



Касе ҷавоби онро гуфта натавонист, вале зани нави Шимшун, ки фалиштӣ буд, ҷавоби чистонро ба дӯстонаш гуфт.  Аз ин Шимшун ба хашм омад.

Вақте ки фалиштиён зани вайро ба як дӯсти ҷониаш ба занӣ доданд, Шимшун бештар ба ғазаб омад. Ӯ қасос гирифтанӣ буд. Аммо чӣ хел? Аввал Шимшун 300 рӯбоҳро дастгир намуд ва онҳоро дутогӣ, дум ба дум баст ва дар байнашон машъалҳои даргиронро монд.



Сипас Шимшун рӯбоҳонро ба саҳроҳои ғаллаи фалиштиён сар дод.



Акнун фалиштиён аз вай қасос гирифтан мехостанд.  Шимшун худаш имкон дод, ки вайро дастгир карда банданд ва барои куштан ба фалиштиён диҳанд.



Аммо Рӯҳи Худо бар Шимшун омад. Вай бандҳоро пора карда, ҷоғи ҳанӯз хушкнашудаи харро гирифта, бо он ҳазор душманро кушт.



Гурӯҳҳои ҷустуҷӯйии фалиштиён аз пайи Шимшун буданд.  Як шаб онҳо вайро дар шаҳр ба дом афтонда, дарвозаи шаҳрро қулф карданд.  Аммо Шимшун дарвозаро бо китфҳояш бардошта, берун баромад.



Вале Шимшун Худоро дар ҳолати ногувор гузошт. Худо, то даме ки Шимшун ба Ӯ итоат мекард, ба вай қувват медод. Рӯзе Шимшун сири қувваташро ба зани зебои фалиштӣ ки Далило ном дошта, ҷосус буд, нақл кард. Ҳангоме ки Шимшун хоб буд, зан мардеро ҷеғ зада, мӯйи Шимшунро тарошид.





Баъд ҷанговарони фалиштӣ дар хонаи хоби Далило ба Шимшун ҳуҷум карданд. Шимшун сахт ҷанг кард, вале қувваташ рафта буд. Душманонаш чашмони вайро кӯр карданд.



Шимшуни беқувввату нобино ғуломи фалиштиён шуд. Онҳо ба ҳоли хизматгори Худо механдиданд ва ӯро масхара мекарданд.



Фалиштиён зиёфате доштанд. Онҳо худои худ Доҷунро, яъне худои моҳиро ситоиш мекарданд, ки Шимшунро ба дасташон супоридааст. Онҳо дар маъбади Доҷун маст шуда мерақсиданд. Баъд Шимшунро даъват карданд, ки барояшон ҳунарнамой кунад.



Ҷавоне Шимшунро оварда, вайро ба сутунҳое, ки маъбадро мебардоштанд, такя кунонд. Дар болои бом се ҳазор фалиштӣ буд ва дар маъбад боз ҳам бисёртар буданд. Ҳамаашон вайро масхара мекарданд.



Аммо мӯйи Шимшун дар зиндон дароз шуда буд.  Ӯ дуо кард: “Эй Худованд Худо, як бори дигар ба ман қувват деҳ, то барои ду чашмам қасос гирам.”





Оё Худо ба Шимшун боз қувват медиҳад? Оё Шимшун кори ғайриимконро карда метавонад? Албатта метавонад! Вай сахт зӯр зада, сутунҳои боқувватро ба ду тараф тела дод. Маъбади Доҷун вайрон шуда, ҳазорон-ҳазор фалиштӣ ва худи Шимшунро низ кушт.

Шимшун, марди тавонои Худо

Ҳикоя аз Каломи Худо

Доварон 13-16

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16